# БАРГУЗОРИИ КОНФЕРЕНСИЯИ ҶУМҲУРИЯВИИ ИЛМӢ-НАЗАРИЯВӢ

19-уми феврали соли 2026 бо ташаббуси Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомӣ ва Академияи таҳсилоти Тоҷикистон конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-назариявӣ бахшида ба 33-юмин солгарди таъсисёбии Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти унвони «Масъалаҳои муосири такомули иҷтимоии хонандагон дар низоми тарбияи ҷисмонӣ ва ҳарбӣ» баргузор гардид. Конференсия бо сухани ифтитоҳии Сироҷиддин Ниёзӣ Раҷаббоқӣ – директори Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон ва Каримова Ирина Холовна – ноиби президенти Академияи таҳсилоти Тоҷикистон оғоз ёфт. Зимни баромадҳо таъкид гардид, ки Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун яке аз шоҳсутунҳои давлати соҳибистиқлол, кафили сулҳу субот, амнияти миллӣ ва ҳифзи соҳибихтиёрии давлатӣ ба шумор меравaнд. Артиши миллӣ, ки зодаи даврони Истиқлол аст, зери сарварии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Сарфармондеҳи Олии Қувваҳои Мусаллаҳ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон вазифаи муқаддаси таъмини суботи ҷомеа ва ҳимояи манфиатҳои давлатро сарбаландона иҷро менамояд. Дар ҷараёни конференсия маърузаҳои илмӣ пешниҳод гардиданд. Аз ҷумла: Қузратзода Рустамҷони Сайдулло – муовини ректор оид ба таълими Донишкадаи тарбияи ҷисмонии Тоҷикистон ба номи С. Раҳимов дар мавзуи «Дастовард, мушкилоти муосир ва роҳҳои тарбияи насли наврас дар тарбияи ҷисмонӣ ва ҳарбии наврасону ҷавонон»; Абдуллозода Оятулло Хайрулло – муовини мудири шуъбаи маорифи ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе дар мавзуи «Нақши муҳити мактаб дар иҷтимоишавии хонандагон тавассути машғулиятҳои ҷисмонӣ»; Давлатзода Сарвиноз Абдумалик –мудири шуъбаи технологияи меҳнат, тарбияи ҷисмонӣ, омодагии ибтидоии ҳарбӣ, такмили стандартҳо, барномаҳои таълимию китобҳои дарсии Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон дар мавзуи «Рушди усулҳои инноватсионӣ дар таълими иҷтимоии хонандагон тавассути тарбияи ҷисмонӣ ва ҳарбӣ». Дар анҷоми ҳамоиш маърузачиёни даъватшуда барои саҳми арзанда дар баррасии масъалаҳои муҳим аз ҷониби директори

муассиса бо Сипоснома қадрдонӣ гардиданд. Конференсия дар фазои созанда ва руҳияи баланди ватандӯстӣ баргузор гардида, аҳамияти ҳамгироии маориф ва тарбияи ҳарбӣ-ватандӯстиро дар таҳкими давлатдории миллӣ бори дигар таъкид намуд.














АКАДЕМИЯИ ТАҲСИЛОТИ ТОҶИКИСТОН ВА ПАЖУҲИШГОҲИ РУШДИ
МАОРИФ БА НОМИ АБДУРАҲМОНИ ҶОМИРО ЗАРУР АСТ, КИ ВАЗЪИ
АМАЛШАВИИ ИСЛОҲОТИ СОҲАИ МАОРИФРО ҲАМАҶОНИБА ОМӮХТА,
ҶИҲАТИ ОМӮЗИШИ МАСЪАЛАҲОИ ПЕДАГОГИКАИ МУОСИР, ҶОРӢ
КАРДАНИ ТАҶРИБАИ НАВУ ПЕШҚАДАМ ВА САТҲУ СИФАТИ КИТОБҲОИ
ДАРСӢ ДАР ҲАМАИ ЗИНАҲОИ ТАҲСИЛОТ ЧОРАҶӮЙ НАМОЯНД.
ЭМОМАЛӢ РАҲМОН



